**ТАҚРИЗ**

ба автореферати диссертатсияи Мираҳмадзода Мунавваршоҳ Мираҳмад дар мавзуи "Вижагиҳои ғоявӣ ва услубии руҷуъҳои лирикӣ дар адабиёти бадеӣ (дар мисоли осори устод Айнӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик)

Масъалаи руҷуъҳои лирикӣ ҳамчун падидаи хоси сухани муаллиф дар матни бадеӣ дар адабиётшиносии муосир аз мавзуъҳои муҳим ва ҷолиб буда, дар айнишиносӣ низ ҷои хос дорад. Дар ҳақиқат, бе омӯзиши чунин унсурҳои равониву услубӣ шинохти асарҳои бузургон, аз ҷумла, осори устод Айнӣ, саҳл нест. Аз ин лиҳоз, интихоби мавзуи диссертатсияи Мунавваршоҳ Мираҳмадзода комилан мувофиқ ба талаботи рӯз буда, аз аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ бархӯрдор мебошад.

Муҳаққиқ дар автореферати хеш ба таври равшан ва асоснок зарурати таҳқиқи мавзуъ, навгониҳои илмӣ ва методологияи корро шарҳ додааст. Диссертатсия аз се боб иборат буда, дар онҳо масоили назариявии истилоҳи «руҷуи лирикӣ», намудҳои он, вазифаҳои ғоявӣ ва иҷтимоии ин падида дар осори Айнӣ бо мисолҳои мушаххас ва таҳлили амиқ баррасӣ шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқ муаллиф аз усулҳои гуногуни таҳлилӣ ва муқоисавӣ истифода бурда, дарк ва шинохти ин падидаи адабиро барои хонанда равшантар намудааст. Таҳлили матнҳо бо мисолҳои дақиқ ва санҷида сурат гирифта, ба саҳеҳ ва муътамад будани натиҷаҳои илмӣ мусоидат кардааст.

Ҷиҳати назарраси кори илмӣ дар он аст, ки муҳаққиқ руҷуъҳои лирикиро ҳамчун воситаи муассири баёни мавқеи муаллиф дар масъалаҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, ахлоқӣ ва миллӣ арзёбӣ карда, таъсири онҳоро дар ташаккули ҷаҳонбинии хонандагон хеле хуб шарҳ додааст. Ҳамчунин, муаллиф бо истифода аз намунаҳои зиёди осори устод Айнӣ («Одина», «Марги судхӯр», «Ёддоштҳо» ва ғайра) исбот намуда, ки чунин руҷуъҳо воситаи муҳимтарини ифодаи афкору андешаҳои нависанда буда, барои шиддат ва таъсирбахшии матн мусоидат мекунанд.

Дар рисола таваҷҷуҳи махсус ба паҳлуҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии руҷуъҳои лирикӣ зоҳир гардида, намунаҳои мушаххасе оварда шудаанд, ки дар шинохти ин падида хеле муҳим мебошанд. Ҳамзамон, масъалаи нақши муаллиф ҳамчун субъект ва шахсияти фаъол дар матни бадеӣ бо диду назари нав мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Маврид ба зикр аст, ки ин ҷиҳати пажуҳиш имкон медиҳад, то мавзуъ аз нуқтаи назари муносибатҳои муаллиф бо хонанда низ баррасӣ гардад. Чунин равиш арзиши илмии рисоларо боз ҳам боло мебарад.

Ҳарчанд нукоти зикршуда дар рисола хеле хуб баррасӣ шудаанд, барои пуррагии боз ҳам бештари мавзуъ ва васеъ намудани заминаи таҳқиқ зарурате вуҷуд дорад, ки баъзе ҷанбаҳои дигари он низ равшантар гарданд. Ҳамчунин, хуб мебуд, ки масъалаи таъсири муҳити иҷтимоиву сиёсии даврони устод Айнӣ дар шаклгирии руҷуъҳои лирикӣ ба таври мушаххас ва васеътар мавриди таҳқиқ қарор мегирифт. Илова бар ин, агар муҳаққиқ ба таври ҷиддӣ бештар ба масъалаҳои таъсири руҷуъҳои лирикӣ дар ташаккули афкори хонандаи муосир таваҷҷуҳ мекард, аҳамияти пажуҳиш боз ҳам амиқтар ва комилтар мегардид.

Бо вуҷуди аҳаммияти илмӣ ва таҳқиқи амиқи мавзуъ баъзе нуқсонҳо низ дар кори мазкур ба назар мерасанд, ки дар шакли эродҳо баён мегарданд:

1. Азбаски шаклҳои руҷуъ дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал таҳқиқ мешаванд, мувофиқ мебуд, агар муаллиф равобити онҳоро бо таҷрибаи умумии адабиётшиносӣ нишон дода, вежагиҳои миллиашонро дар муқоиса бо таҳқиқоти хориҷӣ равшан месохт.

2. Дар диссертатсия сухани муаллиф ва руҷуи лирикӣ гоҳе яксон ва гоҳе ҷудо шарҳ дода мешаванд, ки ин метавонад ба иштибоҳ дар сатҳи мафҳумӣ ва назариявӣ барад.

3. Дар қисми “тавсияҳо оид ба истифодаи амалӣ” тавсияҳо андак умумӣ ва бидуни намунаҳои мушаххас омадаанд. Масалан, гуфта мешавад, ки «дар таълим ва таҳияву таҳлили матнҳо истифода шавад», вале на шарҳи фан, на сатҳи таҳсил, на шакли амалӣ ироа нашудааст.

Бо вуҷуди эродҳои зикршуда, ки бештар барои такмили минбаъдаи кори илмӣ ва идомаи пажуҳишҳо пешниҳод шудаанд, бояд қайд кард, ки диссертатсияи Мирахмадзода Мунаввоаршоҳ Мираҳмад таҳқиқоти комил, мустақил ва дорои арзиши баланди илмӣ мебошад.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки автореферати диссертатсияи Мираҳмадзода Мунавваршоҳ Мираҳмад дар мавзуи “Вижагиҳои ғоявӣ ва услубии руҷуъҳои лирикӣ дар адабиёти бадеӣ (дар мисоли осори устод Айнӣ)” ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ аст ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) шоиста мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи иқтисод
ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд **Исмаилова Мутриба Охунҷоновна**
**Суроға:** 735699, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
шаҳри Хуҷанд, кучаи А.Расулов 55/2
Тел: 927302150
E-mail: ismoilova1984@gmail.com

Имзои номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи иқтисод
ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд М.О. Исмаиловаро
тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи
давлатии тиҷорати Тоҷикистон
дар шаҳри Хуҷанд **Маҳмудов Шаҳзод Усмонҷонович**

“21” майи 2025

**Суроға:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
хиёбони И. Сомонӣ-169, www.iet.tj,
E-mail: info@iet.tj, тел: 83422 6-03-21